## ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-004 НАЗДИ ДОНИЩГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

Парвандаи аттестатсионии №___________

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 18.04.2026, №71

Барои сазовор донистани Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон "Рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об (дар заминаи маводди кишварҳои Осиёи Марказӣ)", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз аз рӯи ихтисоси 5.2.21 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ.

Диссертатсияи Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон дар мавзуи «Рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об (дар заминаи маводди кишварҳои Осиёи Марказӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2.21 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ, санаи 19-уми январи соли 2026 таҳти протоколи №67, Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2021, №35 таъсис дода шудааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон 19-уми июли соли 1983 таваллуд шудааст. Соли 2006 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳон хатм кардааст. Соли 2022 дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси унвонҷӯ аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳон қабул гардида, зинаи мазкурро соли 2025 хатм намудааст.

Солҳои 2008-2016 аз вазифаи иқтисодчии шуъбаи бозгардонии қарзҳои Идораи қарздиҳии ҶСП «Фононбонк» шуруъ намуда, то вазифаи сардори Маркази хизматрасонии бонкӣ дар ҶСП «Фононбонк» фаъолият намудааст.

Солҳои 2016-2017 ҳамчун иқтисодчӣ дар Донишкадаи санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон, солҳои 2017-2018 дар Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба ҳайси муҳосиб фаъолият кардааст.

Аз соли 2019 то ин ҷониб ба ҳайси мудири Маркази хизматрасонии бонкӣ дар ҶСК «Ориёнбонк» фаъолият дорад.

Ҳамчунин, аз соли 2024 то ҳол ба ҳайси муаллими калони кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди  Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳамкор, ба фаъолияти омӯзгорӣ машғул  мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи менеҷменти байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Досиев Маҳмадшоҳ Назарович, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, профессори кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Садриддинов Манучехр Исломиддинович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири шуъбаи кор бо мактаббачагони назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;
- **Саидзода Саидмаҳмуд Сайдаҳмад** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Ректори Муассисаи давлатии "Донишкадаи байналмилалии Левакант"- и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;
- **Муассисаи пешбар -** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, дар тақризи мусбати худ, ки аз тарафи Содиқов М.С. - д.и.и., и.в. профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон навишта шуда, дар ҷаласаи кафедраи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 27-уми марти соли 2026, суратмаҷлиси кафедра №8/5 баррасӣ гардида, аз тарафи ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сатторзода Б.А. 28-марти соли 2026 тасдиқ шудааст.

Муассисаи пешбар дар тақризи худ қайд кардааст, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ масъалаи идоракунии устувори захираҳои об аҳаммияти стратегӣ пайдо намудааст. Бухрони афзояндаи норасоии оби тоза, шиддат гирифтани мушкилоти истифода ва ҳифзи он, инчунин, таъсири омилҳои демографӣ ва экологӣ зарурати таҳким бахшидани ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалиро дар ин самт ба миён меорад. Бинобар ин, ҷомеаи ҷаҳонӣ кайҳо боз хусусияти фаромиллӣ ва глобалии ин мушкилотро эътироф намуда, талош дорад механизмҳои самараноки идоракунии захираҳои обро ташаккул диҳад.

Мубрамияти мавзуи диссертатсия аз он иборат аст, ки дар шароити муосир масъалаи истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои об ба яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иқтисодӣ ва экологӣ табдил ёфтааст. Бухрони ҷаҳонии об, таъсири тағйирёбии иқлим ва афзоиши талабот ба оби тоза

зарурати таҳқиқи амиқи механизмҳои идоракунии устувори захираҳои об ва такмили ҳамкориҳои минтақавию байналмилалиро ба миён меорад.

Бинобар ин, андешаҳои болозикр муҳим будани таҳқиқоти илмии мавзуи кори илмиро нишон медиҳанд ва дар диссертатсия ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масоили марбута мавриди омӯзиш ва таҳлилу арзёбии амиқ қарор дода шудаанд.

Бо назардошти нуктаҳои зикргардида муассисаи пешбар интихоби мавзуъ, аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмонро мубрам арзёбӣ намуда, таҳқиқоти анҷомдодашударо дар мавзуи “Рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об (дар заминаи маводди кишварҳои Осиёи Марказӣ)”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз аз рӯи ихтисоси 5.2.21 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ кори илмӣ-таҳқиқотии мукаммал ва мустақилона баанҷомрасида ҳисобида, қайд менамояд, ки дар он натиҷаҳои нави илмӣ ва амалии аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ба даст оварда шудаанд.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсияи Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон овардашуда ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии хориҷию ватаниро дар самти ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об самарабахш истифода бурдааст. Хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи таҳқиқот барои роҳандозии натиҷаҳои илмӣ дар амалия дар заминаи таҳлили назариявию таҷрибавӣ муайян гардида, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро исбот мекунад.

Асосҳои овардашуда аз он шаҳодат медиҳад, ки диссертатсияи Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон “Рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об (дар заминаи маводди кишварҳои Осиёи Марказӣ)” ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 37 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) мутобиқ ва ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз аз рӯи ихтисоси 5.2.21 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад.

Автореферати диссертатсияи Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон тибқи талаботи муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос мекунад ва дар он натиҷаҳои илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

**А) Мақолаҳои чопшуда дар нашрияҳои бақайдгирифтаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**(бо забони аслӣ)**

[1-М]. Маҳмадов Ҷ. А. Формирование национальной водной стратегии и перспективы регионального водного сотрудничества [Текст] Дж.А. Махмадов // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. Душанбе-2017. – №4 (248). – С. 113-119. ISSN 2076-2569.

[2-М]. Раҷабов, С.А., Маҳмадов Ҷ.А. Механизмҳои амалигардонии даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе, - 2017.- №1. С. 172-174, ISSN 0235-005X.

[3-М]. Махмадов, Дж.А. Проблемы водных ресурсов в Центральной Азии и сотрудничество в областе водопользования [Текст] Дж.А. Махмадов // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. Душанбе-2019. – №2 (256) – С. 96-99. ISSN 2076-2569.

[4-М]. Маҳмадов, Ҷ.А. Захираҳои обӣ ва истифодаи самараноки он дар муносибатҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ [Матн] Ҷ.А. Маҳмадов // Идоракунии давлатӣ Маҷаллаи илмию сиёсии АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе,2024. – №3 (68). – С. 243-247, УДК: 333.93(584), ISSN 2664-0651.

[5-М]. Маҳмадов, Ҷ.А. Самаранокии неруи обии Осиёи Марказӣ ва мушкилоти истифодабарии он дар шароити муосир [Матн] Ҷ.А. Маҳмадов // «Идоракунии давлатӣ» маҷаллаи илмию сиёсии АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2024. – №4-1 (69). – С. 204-211, ТДУ: 330.338(575), ISSN 2664-0651.

[6-М]. Маҳмадов, Ҷ.А. Механизмҳои татбиқи ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба обу иқлим [Матн] Ҷ.А. Маҳмадов // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният Маҷаллаи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2024, №4 (12). - С. 185-195, УДК: 338.45:502.8(575.3), ISSN 2790-3567.

[7-М]. Досиев, М.Н., Маҳмадов Ҷ.А. Ташаккули иқтисоди «сабз» ва рақамикунонии иқтисодиёт ҳамчун қисми таркибии таъмини амнияти озуқаворӣ дар маҳалҳои кишвар [Матн] М.Н. Досиев, Ҷ.А. Маҳмадов // Идоракунии давлатӣ Маҷаллаи илмию сиёсии АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе,2025.- №1 (72). С. 17-23, ТДУ: 338.22(48), ISSN 2664-0651.

**Б). Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ**

[8-М]. Махмадов, Ҷ.А. Захираҳои бузурги гидроэнергетикии Тоҷикистони пойдевори истиқлолияти иқтисодӣ [Матн] Ҷ.А. Маҳмадов // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Ҳимояи манфиатҳои миллӣ,

таҳкимии истиқлолияти сиёсӣ ва масоили консептуалии рушди давлатдорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» АМИҶТ. Душанбе,2016- С. 142-146.

[9-М]. Досиев, М.Н., Маҳмадов, Ҷ.А. Соҳибкорӣ дар бахши муҳити зист ва таъсири мусбии он ба рушди иктисодии минтақаҳои кишвар [Матн] М.Н. Досиев, Ҷ. А. Маҳмадов //Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Асосҳои ташкилӣ ва сохторию ҳудудии худидоракунии маҳаллӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе. 8 ноябри соли 2024, – С. 91-101.

[10-М]. Маҳмадов, Ҷ.А. Арзёбии захираҳои обии Осиёи Марказӣ: мушкилот ва дурнамо [Матн] Ҷ.А. Маҳмадов // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе,18 марти соли 2025. – С. 240-248.

[11-М]. Маҳмадов, Ҷ. А., Досиев, М.Н. Нақши захираҳои обӣ дар рушди иқтисодию иҷтимоии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шароити тағйирёбии иқлим [Матн] Ҷ. А. Маҳмадов // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе, 18 марти соли 2025. – С. 118-124.

[12-М]. Маҳмадов, Ҷ. А., Муҳаммадзода, П. А., Нақш ва аҳаммияти ташаббусҳои ҷаҳонии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муттаҳидсозии ҷомеаи ҷаҳонӣ [Матн] Ҷ. А. Маҳмадов, П. А. Муҳаммадзода // Саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи ҳадафҳои рушди устувор ва дипломатияи сабз. Маводди конференсияи байналмилалии илмию амалӣ – Душанбе, 2025. –С. 54-60.

[13-М]. Досиев М. Н., Маҳмадов Ҷ. А. Захираҳои оби Осиёи Марказӣ ва мушкилоти истифодабарии он дар шароити рушди технологияи инноватсионии муосир[Матн] М. Н. Досиев, Ҷ. А. Маҳмадов, // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «баландбардории саводнокӣ ва маърифати молиявии аҳолӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ»-Кӯлоб, 2025.- С. 355-359.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

**1. Ризозода Тура Раббим** – д.и.и., профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

- Агар муаллиф динамикаи тағйирёбии захираҳои об ба ҳар сари аҳолӣ дар кишварҳои ҳавзаи баҳри Аралро, ки дар расми 12, саҳ, 25 нишон дода шудааст, васеътар шарҳу тавзеҳ медод, қиммати илмии диссертатсия боз ҳам баландтар мешуд;

- Дар автореферат мушкилоти аслии кишварҳои минтақа дар танзими равобити обию энергетикӣ ошкор карда шудааст, вале сифати кор беҳтар мешуд, агар ба кадом кишвар тааллуқ доштани онҳо ошкор карда мешуд. (расми 15, саҳ. 32).

**2. Одиназода Комрон Саидаброр –** д.и.и., и.в. профессори кафедраи соҳибкорӣ ва иқтисодиёти соҳавии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

- Баъзе хулосаҳои назариявӣ хусусияти умумӣ доранд, ба фоидаи кор мешуд, ки саҳми мустақими муаллиф дар онҳо ба таври равшан ҷудо карда мешуд.

**3. Бойматов Алиҷон Азизович -** д.и.и, профессори кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо чунин эрод:

- Дар ҷадвали 9 –и автореферат нишондиҳандаҳои асосии нерӯгоҳҳои обии дарёи Вахш хеле хуб ҳисобу китоб ва таҳлилу хулосабардорӣ карда шудааст, вале нишондиҳандаҳои сарбории об, таъсири нерӯгоҳ ба экосистема ва ҷараёни табиии дарё, зариби фоиданокӣ, аҳаммияти вазъияти мазкур барои давраҳои оянда чӣ гуна мебошад, нокифоя арзёбӣ гардидааст.

**4. Рустамзода Фитрат Музаффар -** н.и.и, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

Дар қисмати тавсияҳои амалӣ мушаххас намудани доираи субъектҳои масъул ва абзорҳои иқтисодии татбиқ, ба андешаи мо, арзиши амалии таҳқиқотро боз ҳам афзун менамуд;

Муаллиф робитаи байни механизми ҳамкории об ва равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ (ЕАЭС, СҲШ ва ғ.)-ро ишора мекунад, аммо таҳлили 2 муфассали таъсири онҳоро ба соҳаи об пешниҳод менамуд ба фоидаи кор мебуд.

Дар умум, норасоиҳое, ки мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд, хусусияти тавсиявӣ дошта, ба сифати автореферати тақризшаванда таъсири манфӣ расонида наметавонанд ва ин норасоиҳоро муаллиф метавонад, ҷиҳати таҳқиқи амиқи масъалаи баррасишаванда дар пажӯҳишҳои минбаъда ба инобат гирад.

**Интихоби муқарризони расмӣ** дар асоси пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ, инчунин, бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувори онҳо дар доираи таҳқиқи масоили истифодаи оқилонаи захираҳои об барои кишварҳои Осиёи Марказӣ, мавҷудияти интишороти онҳо дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию

назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсии муқарризон барои пешниҳоди тақриз тасдиқ шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро баҳо диҳад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- **коркард карда шуд:** ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва рушди механизмҳои ҳамкории байнидавлатии соҳаи об бо дарназардошти татбиқи консепсияи истифодаи устувори об, ки ҳамгироии соҳаҳои обию энергетикӣ ва мелиоративию ирригатсионӣ бо мақсади комёбӣ ба ҳадафҳои мушаххасоти рушди устувори иқтисодиёти минтақавӣ, муайян карда шудааст;
- **пешниҳод карда шуд:** дурнамои ҳамкорӣ байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷиҳати истифодаи захираҳои оби минтақа пешбинӣ карда шуда, зарурати гузариши тадриҷан ба ташаккули низоми энергетикии об дар минтақаи Осиёи Марказӣ пешниҳод карда шудааст;
- **исбот карда шуд:** арзёбии захираҳои об дар сохтори иқтидори рушди иқтисодии минтақа анҷом дода, мазмуни иқтисодии захираҳои об ва нақши бунёдии онҳо дар рушди ҳамкориҳои иқтисодии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ муайян карда шудааст;
- **асоснок карда шудааст,** ки зарурати гузариши тадриҷан ба ташаккули низоми энергетикии об дар минтақаи Осиёи Марказӣ, ки дар асоси принсипҳои эконизомӣ (экосистемавӣ) ва пайвастагии истифодаи об бо дарназардошти манфиатҳои мамлакатҳои минтақа бо омилҳои иқтисодию табиӣ ва таъмини рушди мутаносиби иқтисодию экологии ташаккул ва рушди минтақа таъсис ёфтааст, асоснок гардонида шуда, оид ба такмили заминаи консептуалии рушди ҳамкорӣ дар соҳаи идоракунии ҳамгироии захираҳои об пешниҳод гардидааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки:**

Дар таҳқиқот вазъи имрузаи механизми ҳамкории байнидавлатии соҳаи об дар шароити мамалакатҳои Осиёи Марказӣ баррасӣ шудааст.

**исбот карда шудааст**, ки вазъи муаммодори марбут, яъне ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ дар марҳалаи гузаштан ба иқтисоди креативӣ-инноватсионӣ, бо фарогирии ҳолати иҷтимоии захираҳои меҳнатӣ, муносибатҳои меҳнатӣ (байни корфармо ва корманд), сатҳи

хизматрасонии иҷтимоӣ, хусусиятҳои танзими давлатии муҳоҷирати зеҳнӣ амалӣ мегардад;

- дар таҳқиқоти гузаронидашуда усулҳои иқтисодӣ-оморӣ, муқоиса, таҳлил ва синтез, графикӣ, эконометрикӣ (коррелятсионӣ-регрессионӣ), экстраполятсионӣ (имтидод) ва дигар усулҳои таҳқиқот бо истифода аз барномаҳои компютерӣ, истифода шудаанд;

- **баён шудани** маҳдудиятҳову масоили ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат ба таври возеҳу равшан асоснок карда шуда, бо такя ба таҷрибаи амалӣ ва нуктаҳои назари илмии самтҳои беҳтарсозӣ ва ҳалли ин мушкилоту маҳдудиятҳо пешниҳод гардидаанд;

- **ошкор карда шудааст**, ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва рушди механизмҳои ҳамкории байнидавлатии соҳаи об бо дарназардошти татбиқи консепсияи истифодаи устувори об, ки ҳамгироии соҳаҳои обию энергетикӣ ва мелиоративию ирригатсионӣ бо мақсади комёбӣ ба ҳадафҳои мушаххасоти рушди устувори иқтисодиёти минтақавӣ пешниҳодҳо карда шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:**

- **коркард ва ҷорӣ карда шуд:** таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодҳои назариявию тавсияҳои амалии илман асосноккардашударо оид ба механизмҳои ҳамкории байнидавлатии соҳаи об фаро гирифтааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки маводҳо, хулоса ва тавсияҳои илмии пешниҳодгардидаро Раёсати рушди соҳаҳои саноат ва инфрасохтори Сарраёсати рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт тасдиқ намудааст. (маълумотномаи Раёсати рушди соҳаҳои саноат ва инфрасохтори Сарраёсати рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, аз 05.09.2025);

- **муайян карда шуд**: арзёбии захираҳои об дар сохтори иқтидори рушди иқтисодии минтақа анҷом дода, мазмуни иқтисодии захираҳои об ва нақши бунёдии онҳо дар рушди ҳамкориҳои иқтисодии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ муайян карда шуд;

- **муаррифӣ карда шуд**: дар заминаи таъсиси институти муосири ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи об ва идоракунии ҳамгирошудаи манбаъҳо ва захираҳои об принсипҳо ва шартҳои асосии амиқсозии ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар соҳаи мазкур муайян гардида, таърифи муаллиф оид ба мафҳуми «истифодаи оқилонаи захираҳои оби минтақа» пешниҳод карда шудааст, инчунин, вазъи муосир ва ошкор намудани мушкилоти иқтисодии

кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар самти истифодаи захираҳои оби фаромарзӣ арзёбӣ гардидаанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки:**

- **назария ва амалияи таҳқиқ.** Аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия дар он зуҳур меёбад, ки хулоса ва пешниҳодҳое, ки аз тарафи муаллиф дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқот ба даст омадаанд, илман асоснок карда шудаанд ва онҳо ба оид ба мукаммалгардонии механизмҳои идоракунӣ дар низоми ҳамкории минтақавии соҳаи об имконият медиҳанд. Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он инъикос меёбад, ки он ба ташаккул ва такмили механизмҳои танзими муносибатҳои байнидавлатии об дар минтақаи Осиёи Марказӣ мусоидат менамояд. Натиҷаҳои дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада, метавонанд ҳамчун заминаи таҳқиқотҳои оянда оид ба масъалаҳои иқтисодии соҳаи истифодаи минтақавии об ва идоракунии муштараки захираҳои оби минтақаҳои Осиёи Миёна истифода гарданд;
- **ғояи таҳқиқот** дар асоси муқаррароти назариявию консептуалии олимони хориҷию ватанӣ дар бахши ташаккулёбӣ ва рушди механизмҳои ҳамкории байнидавлатии соҳаи об, дар заминаи амалишавии ҳадафу мақсадҳое, ки дар Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Парлумони кишвар, “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, муайян шудаанд, маводҳои конференсияҳои гуногун, маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва захираҳои иттилоотии шабакаи “Internet” асоснок шудааст;
- **аслият ва навгониҳои** натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳлили амиқи заминаҳои назариявӣ ва амалӣ барои омӯзиши ҳалли масоили ташаккулёбӣ ва рушди рушди механизмҳои ҳамкории байнидавлатии соҳаи об инъикос ёфтаанд;
- **усулҳои муосири** ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот ҳангоми тартиб додани ҷадвалҳо, расмҳо, таҳия намудани диаграммаҳо ва коркарди тавсияҳо оид ба такмили механизмҳои танзими муносибатҳои байнидавлатии об дар минтақаи Осиёи Марказӣ истифода карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

- саҳми шахсии муаллиф дар асоси гузаронидани таҳқиқи рушди механизмҳои ҳамкории байнидавлатии соҳаи об анҷом дода шудааст. Тавсияҳои амалии таҳқиқоти муаллифро ҳамчун натиҷаи ҷудогонаи таҳқиқот метавон дар мавриди таҳияи муқарраротӣ назариявӣ ва методӣ ҳангоми арзёбӣ ва

механизми ҳамкории байнидавлатии соҳаи об дар шароити мамлакатҳои Осиёи Марказӣ истифода бурд;

- аз рӯйи мавзуи таҳқиқот 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 7 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст;

- қисматҳои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-назариявии сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ба тасвиб расидаанд.

Дар ҷаласа аз 18-уми апрели соли 2026 шурои диссертатсионӣ барои сазовор донистани Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз аз рӯи ихтисоси 5.2.21 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар узви Шуро 14 нафар иштирок доштанд, 3 нафар мутахассис аз рӯйи диссертатсияи баррасишаванда. Аз 14 нафар узви шуро, ки овоз доданд: тарафдор 14 нафар, муқобил нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
д.и.и., профессор — Усманова Т.Ҷ.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
н.и.и., дотсент — Гулов Ш.М.

“18” апрели соли 2026